**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**ҚАРОР**

**Дар бораи тартиби таъсис ва ташкили фаъолияти кумитаҳои ҳамоҳангсозии мусоидат ба шуғли аҳолӣ**

Мутобиқи моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ" ва бо мақсади таҳияи қарорҳои мувофиқашуда ва ба роҳ мондани муколамаи иҷтимоӣ ҷиҳати муайянсозӣ ва татбиқи сиёсати шуғли аҳолӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Низомнома, ҳайати Кумитаи ҷумҳуриявии ҳамоҳангсозии мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва Қоидаҳои таъсис ва ташкили фаъолияти кумитаҳои маҳаллии ҳамоҳангсозии мусоидат ба шуғли аҳолӣ тасдиқ карда шаванд (замимаи 1, 2, 3).

2. Раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо ва ноҳияҳо дар асоси Қоидаҳои мазкур дар мӯҳлати ду моҳ Низомномаи кумитаҳои ҳамоҳангсозии мусоидат ба шуғли аҳолии маҳаллиро тасдиқ намуда, ҳайати кумитаҳоро муайян ва фаъолияти амалии онҳоро ташкил намоянд.

3. Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарии методии фаъолияти кумитаҳои ҳамоҳангсозии мусоидат ба шуғли аҳолиро дар сатҳи минтақавӣ таъмин намояд.

4. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2004 №133 "Дар бораи тартиби ташкили фаъолияти кумитаҳои ҳамоҳангсозии мусоидат ба шуғли аҳолӣ" аз эътибор соқит дониста шавад.

Раиси Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

аз 27 феврали соли 2009 № 129
ш. Душанбе

**Замимаи 1**
**Бо қарори Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 27 феврали соли 2009 № 129**
**тасдиқ шудааст**

## Низомномаи Кумитаи ҷумҳуриявии ҳамоҳангсозиии мусоидат ба шуғли аҳолӣ

### I. Муқаррароти умумӣ

1. Кумитаи ҳамоҳангсозии мусоидат ба шуғли аҳолӣ (минбаъд Кумита) мутобиқи моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ" таъсис дода мешавад.

2. Кумита бо мақсади таҳияи қарорҳо, пешниҳодҳо ва тавсияҳои мувофиқакардашуда ва ба роҳ мондани муколамаи иҷтимоӣ бобати муайян ва амалӣ гардонидани сиёсати шуғли аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ҳамкории сетарафа таъсис дода мешавад.

3. Кумита дар фаъолияти худ Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамин Низомномаро дастури амал қарор медиҳад.

### II. Вазифаҳои асосии Кумита

4. Фаъолияти хадамоти шуғли аҳолӣ, ташкилоту муассисаҳоро новобаста ба шакли моликияташон дар самти бокортаъминкунии аҳолии бешуғл ҳамоҳанг месозад.

5. Оид ба мукаммалгардонии механизмҳои танзими бозори меҳнат тавсияҳо таҳия менамояд.

6. Ҷиҳати роҳ надодан барои аз кор озодшавии оммавии кормандон чораҳо меандешад.

7. Таҳия ва амалӣ гардидани "Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ"ро назорат менамояд.

8. Пешниҳодҳоро оид ба имконияти ҷорӣ намудани имтиёзҳои андозбанди ба корфармоёне, ки барои гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ, ки дар ҷустуҷӯи кор душворӣ мекашанд, ҷойҳои нави корӣ таъсис медиҳанд, муҳокима менамояд.

9. Барои пешгирии баландравии сатҳи бекорӣ дар ҷумҳурӣ, чорабиниҳо ташкил менамояд.

10. Ҷиҳати бокортаъминкунии маъюбон ва гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ барои ташкилоту муассисаҳо квотаҳо муқаррар менамояд.

11. Барои дар амал татбиқ намудани сиёсати шуғли аҳолӣ дар самтҳои зерин қарорҳо қабул менамояд:

- баҳогузории ҳолати бозори меҳнат ва дурнамо дар соҳаи шуғли аҳолӣ;
- ҳамоҳангсозии фаъолияти корфармоён, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар самти шуғли аҳолӣ;
- барномаҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва масоили таъминоти молиявии сиёсати шуғли аҳолӣ;
- рушди низоми таълимоти касбӣ барои бозори меҳнат;
- тайёрии касбӣ ва дигар намуди дастгирии кормандоне, ки бокортаъминкуниашон аз сабаби хусусиятҳои касбӣ ва ё дигар сабабҳо мушкил мебошад;
- мусоидат ба шаҳрвандоне, ки дар ҷустуҷӯи кор душворӣ мекашанд;
- мусоидат ба фаъолияти соҳибкорӣ, бокортаъминшавӣ дар корҳои ҷамъиятӣ ва муваққатӣ;
- дастгирии молиявии кормандони аз кор озодгардида;
- муҳоҷирати меҳнатӣ, ҷалб ва истифодаи кормандони хориҷӣ;
- коркарди фаъолияти якҷоя ҳангоми хатари азкорозодшавии оммавӣ;
- назорат аз болои иҷроиши қарорҳои Кумита;
- ташкили гурӯҳҳои доимӣ ва муваққатӣ ҷиҳати ташхиси иҷтимоии лоиҳаҳои барномаҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар самти таъсири онҳо ба таъсис ва нигоҳдории ҷойҳои корӣ.

## III. Ҳуқуқҳои Кумита

12. Кумита ҳуқуқ дорад:

- барномаҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ, инчунин барномаҳоро оид ба паст намудани шиддати оқибатҳои азкорозодкунии оммавӣ, ташкили шароит барои бозомӯзӣ ва минбаъд бокортаъминкунии кормандони аз кор озодшуда баррасӣ ва тасдиқ намояд;
- аз корфармоён оид ба тағйироти сохтории пешбинишуда ва дигар чорабиниҳо, ки дар натиҷа азкорозодкунии коргарон ба миён меояд, инчунин маълумот дар бораи талабот ба қувваи корӣ, шумораи коргарони аз кор озодшуда ва озодшавандаро талаб намояд;
- ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи чораҳо оид ба таъмини шуғли табақаи алоҳидаи шаҳрвандон, ки дар ҷустуҷӯи кор душворӣ мекашанд (маъюбон, ҷавонон, волидайни серфарзанд, волидайни яккаву танҳо, донишҷӯён ва ғ.) пешниҳодҳо таҳия ва ирсол намояд;

- дар бораи ба шартномаҳои коллективии муассисаву ташкилотҳо ворид намудани чорабиниҳо оид ба мусоидат ба шуғли аз кор озодшудагон ва расонидани кӯмакҳои иловагии иҷтимоӣ ва моддӣ ҳангоми аз кор озодшавии оммавӣ тавсияҳо пешниҳод намояд;

- оиди банд намудани ҷойҳои корӣ барои маъюбон ва гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ пешниҳодҳо ирсол намояд;

- ҷараёни иҷрои барномаҳои мусоидат ба шуғли аҳолиро назорат намуда, оид ба ҳолати бозори меҳнат ба воситаҳои ахбори омма маълумот пешниҳод намояд.

## IV. Ташкили фаъолияти Кумита

13. Ҳайати Кумита аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад. Ба ҳайати Кумита намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон, Иттиҳодияи корфармоён дохил мешаванд.

14. Аъзои Кумита бо хоҳиши худ ва ё дигар сабабҳои узрнок метавонанд аз ҳайат бароварда шаванд.

15. Аз ҳисоби аъзои Кумита Раис ва муовин (муовинон) интихоб карда мешаванд.

16. Ҳайати асосии Кумита аз 21 нафар иборат мебошад.

17. Аъзои Кумита тавассути мақомоте, ки онҳо намояндагӣ менамоянд, инчунин бо роҳи бастани шартномаҳои дутарафа ва созишномаҳо ба амалӣ гадидани қарорҳои қабулгардида мусоидат менамоянд.

18. Кумита дар асоси принсипи шарикӣ фаъолият намуда, тарафҳои намояндашударо дар асоси баробар, ки баробарии манфиатҳоро таъмин мекунанд, фаъолият менамояд.

19. Дар ҷаласаи Кумита бе ҳуқуқи овоздиҳӣ метавонанд намояндагони мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, корфармоён, мутахассисон ва олимон даъват карда шаванд, инчунин метавонанд, намояндагони васоити ахбори умум низ иштирок намоянд.

20. Кумитаро Раис роҳбарӣ менамояд, ки рӯзномаи маҷлисро тасдиқ намуда, ҷой ва вақти гузаронидани ҷаласаро муайян ва ҷаласаро сарварӣ менамояд.

21. Муовини Раиси Кумита аз ҳисоби аъзои Кумита таъин шуда, дар ҳолати набудани Раис вазифаҳои ӯро иҷро менамояд.

22. Котиби Кумита бо пешниҳоди Раис аз ҳисоби кормандони масъули Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин шуда, дар бораи вақт, ҷойи гузаронидан ва рӯзномаи ҷаласа аъзоёнро огоҳ менамояд. Маводҳои ҷаласаро на дертар аз ду рӯзи пеш аз ҷаласа ба аъзоён дастрас менамояд. Протоколҳои ҷаласаро таҳия ва ба

расмият дароварда, на дертар аз 10 рӯзи баъд аз гузаронидани ҷаласа ба аъзои Кумита ва дигар шахсони дахлдор ирсол менамояд. Раис ва муовини Раиси Кумитаро бо маводҳои зарурӣ таъмин месозад.

23. Тарафҳое, ки ба аъзогии Кумита пешниҳод гардидаанд, тартиби кори Кумитаро муайян менамоянд.

24. Ҷаласаҳои Кумита дар се моҳ як маротиба доир мегардад. Мувофиқи қарори Раиси Кумита метавонад ҷаласаҳои ғайринавбатии Кумитаи даъват ва доир карда шавад.

25. Ҷаласаҳои Кумита комилҳуқуқ ҳисобида мешаванд, агар дар онҳо аз нисф зиёди аъзои он иштирок дошта бошанд.

26. Қарорҳои Кумита дар асоси созиш бо дастгирии қисми зиёди аъзои дар ҷаласа иштирокдошта қабул карда мешаванд. Раис, муовини ӯ ва ҳар як узви Кумита дорои як овоз мебошанд.

27. Қарори Кумита оид ба масъалаҳои баррасишаванда барои аъзои Кумита ҳатмӣ буда, ба тасдиқ ҳоҷат надорад.

## V. Муносибатҳои тарафайн ва робитаҳо

28. Кумита дар ҳамкории зич бо ҳама корхонаву муассисаҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, мақомоти давлатие, ки бо масъалаҳои шуғли аҳолӣ машғуланд, фаъолият менамояд.

**Замимаи 2**
**Бо қарори Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 27 феврали соли 2009 № 129**
**тасдиқ шудааст**

**Ҳайати**
**Кумитаи ҷумҳуриявии ҳамоҳангсозии мусоидат ба шуғли аҳолӣ**

1. Муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Кумита;
2. Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини Раиси Кумита;
3. Мудири Шӯъбаи шуғл ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
4. Муовини Вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
5. Муовини Вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
6. Муовини Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
7. Муовини Вазири энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
8. Муовини Раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
9. Директори Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират;
10. Раиси Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон;
11. Муовини Раиси Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон;
12. Раиси Кумитаи ҷумҳуриявии иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиён;
13. Раиси Кумитаи ҷумҳуриявии иттифоқи касабаи кормандони соҳаи тандурустӣ;
14. Раиси Кумитаи марказии иттифоқи касабаи кормандони комплекси агросаноатии Тоҷикистон;
15. Раиси Федератсияи иттифоқи касабаи кормандони ҳавопаймоӣ;
16. Раиси Иттиҳодияи корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон;
17. Раиси Ассотсиатсияи миллии соҳибкории хурд ва миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
18. Раиси Ассотсиатсияи миллии хоҷагиҳои деҳқонии (фермерии) Ҷумҳурии Тоҷикистон;
19. Раиси Фонди ғайритиҷоратии хайрияи "Савоб"
20. Раиси Иттиҳодияи миллии маъюбони Тоҷикистон;
21. Раиси Иттифоқи илмию саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Замимаи 3**
**Бо қарори Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 27 феврали соли 2009 № 129**
**тасдиқ шудааст**

## Қоидаҳои таъсис ва ташкили фаъолияти кумитаҳои маҳаллии ҳамоҳангсозии мусоидат ба шуғли аҳолӣ

### I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Қоидаҳои мазкур мутобиқи моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ" бо мақсади таҳияи қарорҳои мувофиқакардашуда ва ба роҳ мондани мусоҳибаи иҷтимоӣ бобати муайян ва амалӣ гардонидани сиёсати шуғли аҳолӣ дар сатҳи маҳаллӣ таҳия гардидааст.

2. Қоидаҳои мазкур фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатиро дар самти таъсис ва ташкили фаъолияти кумитаҳои ҳамоҳангсозии мусоидат ба шуғли аҳолии маҳаллӣ (минбаъд Кумита) танзим менамоянд.

### II. ТАРТИБИ ТАШКИЛ ВА Ф АЪОЛИЯТИ КУМИТА

3. Кумита аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо ва ноҳияҳо, иттифоқҳои (ассотсиатсияҳо)-и иттифоқҳои касабаи маҳаллӣ, иттиҳодияҳо (ассотсиатсияҳо)-и корфармоёни маҳаллӣ, мақомоти маҳаллии хадамоти давлатии шуғли аҳолӣ ташкил мегардад.

4. Ҳайати намояндагони доимии Кумита аз тарафи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии маҳаллӣ, иттифоқҳои касаба, корфармоён, мақомоти маҳаллии хадамоти шуғли аҳолӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ташкил меёбад. Кумита аз 15 нафар, 3 нафарӣ аз ҳар як тараф, иборат аст.

5. Кумита фаъолияти ′ худро дар асоси ваколати баробари намояндагон, комилхуқуқӣ ва масъулияти мутақобили тарафҳо амалӣ менамояд.

6. Барои амалӣ намудани фаъолияти ҷории Кумита аз ҳисоби ҳар яке аз тарафҳо як нафарӣ раёсати Кумита интихоб мегардад. Ба раёсат котиби масъули Кумита низ шомил мегардад, ки ин вазифа ба зиммаи роҳбари мақомоти маҳаллии хадамоти давлатии шуғли аҳолӣ вогузор мегардад. Интихобшудагон бо протокол ба расмият даровrouting мешаванд. Аз ҳисоби аъзои раёсат дар ҷаласаи Кумита раиси Кумита ба мӯҳлати се сол интихоб мегардад. Интихобот бо қарори Кумита ба расмият дароварда мешавад.

7. Тарафҳо ҳуқуқ доранд, котиби Кумитаро пешакӣ огоҳ намуда, аъзои доимии Кумитаро, ки аз ҳайат баромадаанд, инчунин бо сабабҳои узрнок ҳозир намебошанд, бо намояндагони дигари худ иваз ва ба онҳо ваколатҳои дахлдорро диҳанд.

8. Ҷаласаҳои Кумита бо протокол ба расмият даровarда мешаванд, ки аз ҷониби Раис (дар ҳолати набудани ӯраисикунандаи ҷаласа) ва котиби Кумита ба имзо мерасад ва ба ҳар як аъзои Кумита расонида мешавад.

9. Омода намудани масъалаҳо ба ҷаласаи Кумита аз ҷониби гурӯҳи корӣ амалӣ мегардад, ки тибқи созиши тарафҳо ташкил гардидааст.

10. Қарорҳои Кумита хусусияти тавсиявӣ дошта, бо овоздиҳии аксарияти аъзоёни Кумита қабул мегарданд.

11. Дар ҳолати баробар будани овозҳо овози Раис ҳалкунанда маҳсуб меёбад.

12. Таъминоти ташкилию техникии кори Кумитаро котиб амалӣ менамояд, ки дар ҷаласаи Кумита интихоб мегардад.

## III. ВАЗИФАҲОИ АСОСИИ КУМИТА

13. Кумита дар доираи салоҳияти худ:

- фаъолияти шарикони иҷтимоиро бо мақсади таъмини шуғли босамари шаҳрвандон, аз ҷумла, шахсони ба ҳифзи иҷтимоӣ махсусан ниёздошта ва амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар самти мусоидат ба шуғли аҳолӣ, кафолатҳои иҷтимоии меҳнаткашони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо ва ноҳияҳо ҳамоҳанг месозад;

- тавсияҳои мувофиқашудаӣро оид ба муайян ва амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар самти шуғли аҳолӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо ва ноҳияҳо мувофиқи қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия менамояд.

## IV. ҲУҚУҚҲОИ КУМИТА

14. Кумита ҳуқуқ дорад:

- лоиҳаи чорабиниҳои барномавии мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва рафти амалкунонии онҳоро баррасӣ намояд;

- дар рафти баррасии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ доир ба масъалаҳои шуғл ширкат варзад;

- ба баррасии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба таъмини кафолатҳои иҷтимоии меҳнаткашон, шуғли босамари аҳолӣ, рушди қувваҳои корӣ пешниҳодҳо ирсол намояд;

- оид ба бастани созишномаҳо байни мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳои корфармоён дар самти таъминоти кафолатҳои иҷтимоӣ ва шуғли аҳолӣ гуфтугузор намояд;

- оид ба хароҷоти молиявӣ, ки барои амалӣ кунонидани чорабиниҳои барномавии мусоидат ба шуғли аҳолӣ ҷудо гардидаанд, тавсияҳо омода намояд;

- оид ба масъалаҳои ба салоҳияти Кумита дахлдошта пешниҳоду тавсияҳо омода намуда, ба баррасии комиссияи сетарафаи танзими муносиботи иҷтимоию меҳнатӣ ирсол намояд;

- масъалаҳои мусоидат ба шуғли аҳолиро, ки аз вазифаҳои асосии фаъолияти Кумита бармеоянд, баррасӣ намояд;

- ба коркард ва амалӣ намудани қарорҳои ба тарафҳо мувофиқ дар самти мусоидат ба шуғли аҳолӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, афзоиши самаранокии меҳнат, баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ, мусоидат намояд;

- аз Тарафҳо маълумоти заруриро барои амалӣ кунонидани вазифа ва ҳуқуқҳои Кумита талаб намояд;

- тавсияҳо ва пешниҳоди мувофиқашударо оид ба шуғли аҳолӣ ба суроғаи Тарафҳо ирсол намояд;

- ба ҷаласаҳои Кумита ва гурӯҳи корӣ намояндагони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва олимону мутахассисонро даъват намояд;

- барои равшанӣ андохтан ба фаъолияти Кумита воситаҳои ахбори оммаро ҷалб намояд.

## V. ҲУҚУҚҲОИ АЪЗОИ КУМИТА

15. Аъзои Кумита ҳуқуқ дорад:

- ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, иттифоқҳои касаба, иттиҳодияҳои корфармоён, мақомоти маҳаллии хадамоти шуғли аҳолӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ки манфиатҳои шаҳрвандони ба ҳифзи иҷтимоӣ эҳтиёҷдоштаро муаррифӣ мекунанд, муроҷиат намуда, доир ба масъалаҳои гузоштаашон тибқи мӯҳлати муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ҷавоби хаттӣ гирад;

- бо маводи меъёрӣ ва ахборотии Тарафҳо, ки ба салоҳияти Кумита дахл доранд, шинос гардад;

- дар ҷаласаҳои мақомоти роҳбарикунандаи Тарафҳо оид ба масъалаҳое, ки ба салоҳияти Кумита дахл доранд, ширкат варзад.

## VI. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

16. Кумита тибқи тартиби муқарраргардида на кам аз ду маротиба дар як сол ба баррасии маҷлисҳои дахлдори

вакилони халқ масъалаҳои вобаста ба шуғли аҳолиро пешниҳод менамояд.

17. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо ва ноҳияҳо ҳангоми таҳияи Низомномаи кумитаҳои ҳамоҳангсозии мусоидат ба шуғли аҳолӣ Қоидаҳои мазкурро ҳамчун асос истифода менамоянд.